**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна дар мавзӯи “Имконоти педагогии рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.**

Муҳимияти мавзӯи интихобнамудаи Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна бо он муайян карда мешавад, ки дар рисола муаммои рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар низоми таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, методҳои корбарӣ бо бачагони лаёқатманд бо мисолҳо ва далелҳои илмию методӣ собит шудааст.

Дар марҳалаи имрӯзаи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ ба бачагоне, ки аз ҳамсолон пеш рафта, дорои нишонаҳои зеҳни нодир мебошанд, вазифаи муҳимтарини муассисаҳои таълимист. Вобаста ба ин, муаммои лаёқатмандӣ имрӯз дар низоми таҳсилоти ҷумҳурӣ торафт мубрам мегардад. Ин пеш аз ҳама, бо эҳтиёҷ доштани ҷомеа ба шахсияти эҷодкори нотакрор алоқаманд аст. Инкишофи низоми кор бо хонандагони лаёқатманд яке аз вазифаҳои асосии илми муосири педагогика ва амалияи таҳсилот дар шароити такмили низоми таҳсилоти ҷумҳурӣ ба шумор меравад.

Мубрамии муаммои инкишофи бачагони лаёқатманд дар замони мо аз он ҷиҳат афзун мегардад, ки низоми амалкунандаи кор бо бачагони лаёқатманд дар шароити нави иҷтимоию иқтисодӣ ба такмил ниёз дорад. Дар шароити раванди педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ихтилофҳое падидор гардидааст, ки он дар номувофиқатии ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои инкишофи лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва набудани маҷмӯи воситаҳои ташхисӣ зоҳир гардида, муаммоеро ба миён меорад, ки ба зарурияти коркарди технологияи педагогии инкишофи лаёқатмандии хонандагон, ки дар он сатҳи инкишофи қобилияти ҳар як кӯдак ба ҳисоб гирифта мешавад ва амалисозии онҳо дар раванди таълим бо фароҳам овардани шароити зарурӣ алоқаманд мебошад.

Дар диссертатсия мақсади таҳқиқот ва фарзияи он дуруст муайян карда шуда, барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ вазифаҳои муҳим, ба монанди омӯзиш ва асоснок намудани асосҳои назариявии рушди лаёқатмандии хонандагони хурдсол, ошкор кардани имконияти педагогӣ барои инкишофи лаёқатмандии хонандагони хурдсол, муайян намудани

хусусиятҳо ва моҳияти мафҳуми «лаёқатмандии бачагон», коркарди асосҳои мундариҷавӣ - технологии (меъёрҳо ва сатҳҳо, ташхис, методика) рушди лаёқатмандии хонандагони хурдсол, ошкор намудани шароити педагогӣ ва имконият барои раванди самарабахши инкишофи лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, коркард ва тариқи озмоиш санҷидани самарабахшии имконияти педагогии амалисозии технологияи имконоти педагогии рушди лаёқатмандии хонандагон, гузошта шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот аз коркарди сохтори барномаи имконияти педагогии (қоидаҳо ва мундариҷа) инкишофи лаёқатмандии хонандагон, ошкор намудани хусусият ва моҳияти мафҳуми «лаёқатмандии бачагон», коркарди асоси мундариҷавӣ-технологии (меъёр ва сатҳ, ташхис, методика) инкишофи лаёқатмандии хонандагони хурдсол, муайян намудани шароит ва имконияти педагогӣ барои раванди самарабахши рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, асоснок намудан ва тариқи озмоиш тасдиқ кардани имконияти педагогии амалисозии технологияи педагогии рушди лаёқатмандии хонандагони хурдсоли муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Боэътимодӣ ва асоснок будани натиҷаҳои илмӣ тавассути таҳлили методологии муаммои таҳқиқшаванда, бо татбиқи системаи методҳо, ки ба вазифаҳои таҳқиқот, мавзӯи он, мутобиқ мебошанд, санҷидани методикаҳои озмоишӣ дар амалияи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бо давра ба давра арзёбӣ намудани натиҷаҳои дар рафти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастомада, бо таҳлили миқдорию сифатӣ ва истифодаи методикаи илмӣ, бо тасдиқи фарзияи озмоиш асоснок гардидааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар рисола қоидаҳои имконияти педагогии рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян карда шуда, мафҳуми «рушди лаёқатмандии хонандагон» ҳамчун тавсифи ҳамгиро инкишофёбандаи шахсият ифода гардидааст, инчунин робитаҳои қонунӣ, ҳамбастаи байни ҷузъҳои ташкили дидгоҳи ба шахсият нигаронида, ки дар таълими хонандагон татбиқ мешавад, ошкор карда шуданд.

Мавриди тазаккур аст, ки ғояи асосии рисоларо рушди бомуваффақияти лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо назардошти талаботи имрӯзаи низоми таҳсилоти чумҳурӣ тавассуди истифодаи технологияи педагогии коркардшуда ташкил менамояд.

Ҳамчун роҳбари илмӣ мехостам андар шахсияти муҳаққиқ чанд сухан гуфта бошам. Пеш аз ҳама, қайд намудан ҷоиз аст, ки Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна собиқаи 27-солаи фаъолияти педагогӣ дошта, 12-

сол ба ҳайси омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ва 15- сол аст, ки дар донишгоҳ фаъолият менамояд. Маҳз дар ҳамин давра назди худ вазифа гузоштааст, ки дар мавзӯи мазкур тадқиқоти хешро ба роҳ монад. Айни замон Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна ҳамчун омӯзгори калони кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" фаъолият намуда, ба таҳқиқи рисолаи номзадӣ машғул мебошад.

Дар давраи фаъолияти унвонҷӯйӣ Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна худро ҳамчун унвонҷӯи масъулиятшинос, ташаббускор, эҷодкор муаррифӣ намуда, имтиҳонҳои номзадиашро бомуваффақият супоридааст. Мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-методии нашршудаи муаллиф мундариҷаи асосии рисолаи илмиро инъикос мекунанд.

Матлабҳои асосӣ, натиҷаҳо ва хулосаҳои тадқиқот дар 25 - мақолаҳои муаллиф, аз ҷумла 6 мақолаҳои илмии дар нашрияҳои бонуфузи тақризии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Унвонҷӯ Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна дар конфронсҳои илмиву ҳамоишҳои байналмиллаливу ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ фаъолона ширкат варзида, бо маърӯзаҳои пурмӯҳтавои хеш баромадҳо намудааст. Дар фаъолияти илмиву ҷамъиятии факултет ва донишгоҳ фаъолона ширкат меварзад. Дар баробари фаъолияти омӯзгорӣ аз соли 2006 то соли 2015 вазифаи мураббии хобгоҳи донишҷӯдухтарони тибқи Квотаи Президентӣ таҳсилкунандаи донишгоҳро низ дар ӯҳда дошт.

Ӯ омӯзгори соҳибтаҷриба ва тадқиқгари фаъол ба шумор рафта, байни ҷомеаи ҳамкорон ва донишҷӯён сазовори обрӯю эътибор мебошад.

Дар давраи омодасозии рисолаи номзадӣ Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна теъдоди зиёди адабиёти илмӣ, педагогӣ ва психологиро оид ба мавзӯи таҳқиқотӣ омӯхтаву таҳлил намуда, бовиҷдонӣ, суботкорӣ, иродаи қавӣ, қобилияти баланди корӣ ва мустақилиятро нишон додааст.

Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои муаллифи рисола аз мундариҷаи умумии рисолаи илмӣ бармеоянд. Автореферат мундариҷаи умумии рисоларо инъикос мекунад.

Диссертатсияи "Имконоти педагогии рушди лаёқатмандии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаҳои илмӣ пурра мувофиқ мебошад ва муаллифи он Ҳошимова

Гулшан Гадойбоевна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва маълумот (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ
ва касбии Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров" Шаропов Ш. А.

18 феврали 2021 с.

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, к.Мавлонбеков- 1
тел.(+992)927717870.
элек. почта: Sharofzod54@mail..ru
веб. сайт: www.hgu.tj

Имзои Ш.А.Шароповро тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ МДТ «ДДХ ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» Ашрапова З.Н.